**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав,
доктори илмҳои биологӣ,
профессор Давлатзода С.Х.
_______________________
аз «__» _____________ соли 2023

# ХУЛОСАИ

## ҷаласаи васеи ғайринавбатии кафедраҳои менеҷмент ва ташкили сайёҳӣ, назарияи иқтисод, технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 27 майи 2023 таҳти №10

ба кори диссертатсионии Наимзода Насимҷон Қудратулло дар мавзуи «Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ (дар маводҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 - Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ).

Наимзода Насимҷон Қудратулло, соли таваллудаш 1985, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2007 факултети информатикаи Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа (ҳозира Бохтар) ба номи Носири Хусравро бо ихтисоси системаҳои автоматикунонидашудаи коркарди ахбор ва идоракунӣ хатм намудааст. Аз соли 2009 ба ҳайси танзимгари Маркази компютерӣ дар Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) ба номи Носири Хусрав ба фаъолияти корӣ шуруъ намудааст. Солҳои 2014-2017 дар вазифаҳои Мутахассиси шуъбаи ҳуҷҷатгузории амалиёти мизоҷон дар филиали ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» ва аз соли 2017 то ҳоло ба ҳайси омӯзгори доимии факултети информатика фаъолият менамояд. Солҳои 2019-2020 дар вазифаи мудири кафедраи информатика ва технологияи иттилоотии комуникатсионӣ фаъолият кардааст.

Мавсуф барои пеш бурдани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ тибқи қарори Шурои олимони донишгоҳ аз моҳи ноябри соли 2019 ҳамчун унвонҷӯи кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳӣ қабул карда шудааст.

Мавзуи диссертатсияи унвонҷӯ Наимзода Насимҷон Қудратулло таҳти унвони «Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасони-ҳои сайёҳӣ (дар асоси маводҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикис-тон)» зери роҳбарии доктори илмҳои техникӣ, профессори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирзоахмедов Фахриддин бо

қарори Шурои олимони донишгоҳ тахти №3 аз 29.10.2018 тасдиқ гардида, бинобар фавти роҳбари илмӣ бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 24.05.2022, тахти №10 доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Умаров Ҳоҷимаҳмад Умарович ба сифати роҳбари илмии унвонҷӯ интихоб ва тасдиқ гардидааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Соҳаи сайёҳӣ дар замони муосир яке аз самтҳои сердаромадтарини иқтисодиёти ҷаҳон ба ҳисоб рафта, дар таъмини шуғл ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, танзими шароити мусоид барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва такмили сиёсати давлатии идоракунии соҳа аз ҷумлаи афзалиятҳои муҳими сиёсати иқтисодию иҷтимоии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Имрӯзҳо соҳаи мазкур натанҳо ба таъмини шукуфоии фарҳангӣ ва иқтисодии давлатҳо, балки дар рафъи мушкилоти шадиди иҷтимоӣ низ метавонад мусоидат кунад. Танҳо мавҷуд будани захираҳои сайёҳӣ наметавонад боиси ҷалби сайёҳони сершумор гардад, зеро муаррифии он аз низоми иттилоърасонии соҳа вобастагии калон дорад. Дар ин маврид мавқеи иттилоот оид ба марказҳо ва хизматрасониҳои сайёҳӣ басо назаррас мебошад. Бинобар ин, масъалаи такмили таъминоти иттилоотии бозори хизматрасонии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзуи мубрам буда, зарурати таҳқиқи масъалаҳои ба он марбутро ба миён меорад ва далели мубрам будани мавзуи таҳқиқ ба ҳисоб меравад.

Яке аз масъалаҳои дигари мубрамияти мавзуъ дар ҷумҳурӣ ба қадри кофӣ коркард нагардидани логистикаи қабул ва ташкили шароити будубоши сайёҳон дар маконҳои сайёҳии дохилӣ, механизмҳои пешбурди онҳо ҳам дар бозорҳои сайёҳии миллӣ ва ҳам дар бозорҳои сайёҳии хориҷӣ мебошад. Ҳалли ин гуна масъалаҳо аз лиҳози мавҷуд набудани робитаи иттилоотии байни иштирокдорони бозори сайёҳӣ, мустақилона ҳал намудани мушкилоти онҳоро мураккабтар мегардонад. Муаммои мазкур, дар навбати худ, ба ташаккули фазои дохилии иттилоотӣ дар соҳаи сайёҳӣ монеа эҷод мекунад.

**Мақсади таҳқиқот** – аз коркарди роҳҳои нави методӣ ва такмили механизмҳои таъмини иттилоотии ташкили чараёни амалиётҳои хизматрасонии сайёҳӣ, ташаккули марказҳои иттилоотии сайёҳии Тоҷикистон иборат мебошад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгуи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, дар

бурда расонидани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои таъмини иттилоотикунонии соҳаи хизматрасонии сайёҳӣ имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад

**Аҳамияти назариявӣ ва илмии таҳқиқот** аз таҳия ва амиқсозии методологияи таҳқиқот, ҳамоҳангсозии роҳу усулҳои гуногуни илмӣ дар такмили механизмҳои таъмини иттилоотии ташкили хизматрасонии сайёҳӣ дар заминаи Марказҳои иттилоотии сайёҳӣ ва фазои иттилоотии сайёҳӣ (ФИС) иборат мебошад. Дар таҳқиқот масъалаҳои коркарди асосҳои методологӣ оид ба қабули низоми комплексии таъминоти иттилоотии сайёҳӣ ва пешбурди тақсимнопазирии ҳудуд дар бозори сайёҳӣ баррасӣ карда шудааст. Самтҳои имконпазири рушди соҳаи сайёҳӣ ва роҳҳои ҷалби сайёҳон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, оид ба такмили минбаъдаи механизми роҳандозии он пешниҳодҳои мушаххас оварда шудаанд. Хулосаҳои асосии пешниҳодгардида метавонанд ба рушди усулҳои ташкили истеҳсолот ва хизматрасонии сайёҳӣ, идоракунии маҷмӯаҳои сайёҳӣ, аз ҷумла, ташаккули фазои иттилоотии сайёҳӣ мусоидат намоянд.

Доир ба мавзуи диссертатсия муаллиф 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 мақолаи дигар дар нашрияҳои гуногуни ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба табъ расонидааст.

## Феҳристи интишороти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:


**[[1-М].**Наимзода Н.Қ. Имконоти сайёҳӣ ва раванди таҳаввули он дар Тоҷикистон. // Н.Қ. Наимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. - № 4/2 (39). – С. 123-131. – ISSN 2308-054X.

**[2-М].**Наимзода Н.Қ. Муаммоҳои идоракунии ҳолати хизматрасонии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Н.Қ. Наимзода., У.М. Воҳидов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2021. - № 1/4 (92). – С.206-212. – ISSN 2663-5534.

**[3-М].**Наимзода Н.Қ. Тамоюлҳои рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Н.Қ. Наимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2022. - № 1-2 (98). – С. 304-311. – ISSN 2663-5534.

**[4-М].**Наимзода Н.Қ. Иқтидори сайёҳии ҷумҳурӣ ва раванди инкишофи соҳаи туризм. // Ҳ.У.Умаров., Н.Қ. Наимзода // Паёми Донишгоҳи

давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2022. -.№ 1-2 (98). – С. 311-317. – ISSN 2663-5534.

**[5-М].**Наимзода Н.Қ. Асосноккунии пешниҳоди таъсиси маркази иттилоотии сайёҳии Бохтар. // Н.Қ. Наимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2022. - № 1/4 (104). – С.197-201. – ISSN 2663-5534.

**[6-М].** Наимзода Н.Қ. Иттилоотикунонии тиҷорати байналмилалии меҳмонхонаҳо дар шароити рушди сайёҳӣ. // Ҳ. У. Умаров. Н.Қ Наимзода// Маҷаллаи илмию-сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Перезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Идоракунии давлатӣ” № 4/2 (59), –Душанбе, 2022. – С. 33-42. –ISSN 2664-0651 (Print). –ISSN 2709-8567 (Online).

**[7-М].** Наимзода Н.Қ. Асосҳои таҳқиқи рушди бозори хизматрасонии сайёҳӣ дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ. // Н.Қ. Наимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2023. - № 1/1 (107). – С.267-273. – ISSN 2663-5534.

**[8-М].** Наимзода Н.Қ. Системаҳои иттилоотию ҷустуҷӯ ва ҷойбандкунии ширкатҳои сайёҳӣ. // Н.Қ. Наимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2023. - № 1/2 (110). – (дар арафаи чоп қарор дорад). – ISSN 2663-5534.

**ДАР ДИГАР НАШРИЯҲО:**

**[9-М].** Наимов Н.Қ. Имкониятҳои технологияи иттилоотӣ коммуникатсионӣ ва ҳалли мушкилотҳо барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Р. Шоҳсанами., З.Латифов., Н.Қ.Наимов. Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Мушкилоти мубрами таълими фанҳои риёзӣ ва табиӣ дар низоми таҳсилоти кредитӣ». Бохтар-2018. –С. 267-270.

**[10-М].** Наимов Н.Қ. Сайёҳӣ ва истифодаи технологияҳои информатсионӣ //Н.Қ.Наимов.// Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Истифодаи маводи кишваршиносӣ ҳамчун воситаи тарбияи ифтихори миллӣ ва ватандӯстӣ зимни таҳқиқ ва омӯзиши фанҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ». Бохтар-2018. –С. 26-266.

**[11-М].** Наимзода Н.Қ. Маҳсули хизматрасониҳои информатсионӣ дар фаъолияти сайёҳӣ. // Н. Қ. Наимзода.// Маводи Конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами математика дар

замони муосир: дурнамо ва ҳалли онҳо» Бахшида ба 80-солагии доктори илмҳои физика ва математика, профессор, шодравон Раҳмат Акбаров. –С. 279-282. Кӯлоб-2019.

**[12-М].** Наимзода Н.Қ. Мукаммалгардонии истифодаи иқтидорҳои туристӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Н.У. Ализода. Н.Қ., Наимзода. Маводи Конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Самтҳои муосири татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар рақамикунонии таҳсилот, илм ва истеҳсолоти саноатӣ». Вазорати саонат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, (27-уми ноябри соли 2021) Душанбе-2021. – С. 409-411.

**[13-М].** Наимзода Н.Қ. Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ-самти афзалиятнок.// Н.Қ. Наимзода., Г. Раҳимова., Маводи Конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Самтҳои муосири татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар рақамикунонии таҳсилот, илм ва истеҳсолоти саноатӣ». Вазорати саонат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, (27-уми ноябри соли 2021) Душанбе-2021. – С. 148-151.

**[14-М].** Наимзода Н.Қ. Ташаккули ҷараёни иттилоотии сатҳи таъиноти барномавии сайёҳӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ// Н.Қ. Наимзода. Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» дар мавзӯи: Масъалаҳои мубрами илмҳои табиӣ, дақиқ, риёзӣ вв техникӣ дар рушди саноати кишвар. – С. 396-397, Бӯстон- 2022.

**[15-М].** Наимзода Н.Қ. Тенденции развития туризма в Республике Таджикистан //Н.Қ. Наимзода. «III-е Международное книжное издание стран Содружества Независимых Государств «ЛУЧШИЙ ПЕДАГОГ-2022». Том 8. г. Астана, Казахстан-2022 . С.13-14.

**[16-М].** Наимзода Н.Қ. Омӯзиши усулҳои менеҷменти сайёҳӣ дар шароити муосир // Н.Қ. Наимзода. Материалы V Международной научно - практической конференции «НАУКА и ТЕХНОЛОГИИ». Алматы, Казахистан-2022. – С. 48-55.

Ҷаласаи васеи кафедраҳои менеҷмент ва ташкили сайёҳӣ, назарияи иқтисод ва технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав пас аз шунидан ва муҳокимаи диссертатсияи Наимзода Насимҷон Қудратулло дар мавзуи «Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ (дар асоси маводҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои

дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 - Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ), тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ Умаров Ҳ.У., баромади д.и.п. Файзализода Б.Ф., д.и.п. Сатторов А.Э. дотсентон Абдураҳимов А.О. Гулова М.Т., Шамсулозода Х., н.и.и. Раҳимов П.С. ва н.и.и. Шодиев Б., н.и.и. Наимов Б., н.и.и. Бақоев Ш.С., н.и.и. Каримова Г., н.и.и. Холназаров М.Ҳ. дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба Шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Наимзода Насимҷон Қудратулло

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Наимзода Насимҷон Қудратулло дар мавзуи «Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ (дар асоси маводҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 - Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ) таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, ба тамоми талабот ва меъёрҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.
2. Матни диссертатсия аз таҳқиқоти мустақилонаи илмию тахассусӣ ва соҳавӣ иборат буда, маводи муаллифони дигар ва ҳиссаи ҳаммуаллифон танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст.
3. Таҳқиқот ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба мувофиқ гардонидани натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ, ки дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифтаанд, созгор мебошад.
4. Диссертатсияи Наимзода Насимҷон Қудратулло дар мавзуи «Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ (дар асоси маводҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 - Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ) бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида барои баррасӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи васеи ғайринавбатии кафедраҳои менеҷмент ва ташкили сайёҳӣ, назарияи иқтисод ва технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 27 майи 2023, таҳти №10, қабул гардидааст.

Дар ҷаласа 33 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар доктори илм, 15 нафар номзади илм, 13 нафар омӯзгори калону ассистентон.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:**
Тарафдор - 33 нафар;
Муқобил - нест;
Бетараф - нест.

**Раиси ҷаласа**
мудири кафедраи менеҷмент
ва ташкили сайёҳӣ, н.и.и.,дотсент Гулов Қ.М.

Мудири кафедраи
назарияи иқтисод, н.и.и., дотсент Наимов Б.Қ.

Мудири кафедраи
технологияи иттилоотӣ ва методикаи
таълими информатика, н.и.ф.м. Маҳмадалиев Ҳ.С.

**Котиби ҷаласа,** н.и.и., дотсент Маҷнунова М.Ҳ.

*Имзоҳои Гулов Қ.М., Наимов Б. Қ., Маҳмадалиев Ҳ.С ва Маҷнунова М.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод.Ҷ.А.

**Маълумот барои тамос:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
ш. Бохтар, к. Айнӣ 67, ДДБ, факултети менеҷмент ва идораи сайёҳӣ